ГУЛНИСО РИЗВОНШОЕВА

# АЛОЯК



ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2019

**УДК 821-93+82:398+636,6**
**ББК 84тоҷик 7-4+83,8+46,73**
**Р-68**

**Р-68.** Гулнисо Ризвошоева. **Алояк**. Душанбе, Маориф, 2019. 16 саҳ.

«Алояк» бори дигар исбот мекунад, ки саг ҷонвари бовафо аст. Агар шахс дар муносибат ба он самимӣ бошад, дар ҷавоби меҳрубониҳои соҳибаш саг ҳатман ба ӯ ва наздиконаш аз худ садоқат зоҳир хоҳад кард. Аз ҷониби дигар, дар ҷараёни парвариши парандагон ва ҳайвонҳои хонагӣ дар бача хислатҳои ҳамида, ба мисли меҳрубонӣ, самимият, ростқавлӣ ва дилсӯзӣ, ташаккул меёбанд.

**ISBN 978-99947-1-583-1**
**©Маориф, 2019**

Дар зодрӯзаш ба Давлат падараш як сагчаи хушрӯяки бозингар туҳфа намуд. Азбаски сафеду ҷо-ҷо ранги сиёҳ дошт, Давлат сагчаро Алояк ном гузошт.



Чашмакони сагча гӯё ҳамеша ба рӯйи кас механдиданд. Давлату Алояк бо ҳам зуд унс гирифтанд. Доимо якҷоя бозӣ мекарданд. Танҳо вақти хоб аз ҳам ҷудо буданд: Давлат – дар хонаи хоби худ, Алояк – дар таги тирезаи ӯ.





Вақте Давлат ба боғча мерафт, Алояк дар сояи ангур чашм сӯйи дарвоза омадани ӯро интизор мешуд. Гарчанде дар ҳавлӣ бародарони Давлат ҳам буданд, вале Алояк бо онҳо бозӣ намекард.

Алоякзудкалонмешудваакнунбаъзантоберуниҳавлӣҳам мебаромад. Давлат бегоҳиҳо ӯро ба кӯча ё соҳили дарё мебурд. Рафта-рафта Алояк Давлатро то боғча ҳамроҳӣ мекардагӣ шуд. Ҳар бегоҳ Алояк назди дари боғча ӯро интизор мешуд. Онҳо раҳорах бозикунон ба хона бармегаштанд.



Як рӯзи офтобии тобистон Давлату Алояк ба лаби дарё омаданд. Бачаҳо дар дарё оббозӣ мекарданд. Давлат ҳам бисёр мехост оббозӣ кунад, аммо шино карда наметавонист. Дар сояи дарахте бо шавқ ба шиноварии бачаҳо нигоҳ мекард.



– Салом, Давлат.
– Салом,– гуфт Давлат ва Карими ҳамсояашонро шинохт.
– Оббозӣ кардан мехоҳӣ? – пурсид Карим.
– Бале, мехоҳам, аммо ман шино карда наметавонам.





– Ман ҳам наметавонам. Биё, ҳамроҳ ба об медароем ва дар ҷойи на он қадар чуқури дарё оббозӣ мекунем, – пешниҳод кард Карим.

– Боз ғарқ нашавем? – гуфт Давлат.

– Натарс. Биё, дасти ҳамдигарро дошта ба об медароем, – гуфт Карим.

Онҳо либосҳояшонро кашида даруни об даромаданд. Давлат гарчанде дар дил тарсу ҳарос дошт, лекин аз ҷуръати худ хурсанд буд.





– Давлат, оббозиро ёд гирифтан лозим. Дар ин ҳавои гарму тоқатфарсо оббозӣ хуб аст. Ҳам салқин мешавем, ҳам аз чангу ғубор тоза мешавем, – гӯён Карим ба сару рӯйи Давлат об пошид. Онҳо обпошӣ карда, хурсандӣ мекарданд. Алояк ба Давлату Карим бодиққат нигоҳ мекард.



Ногоҳ пойи Карим ба санге бархӯрду афтид. Дасташ ҳам аз дасти Давлат раҳо шуд. Дар як муддати кӯтоҳ об Каримро ба маҷрои худ бурд. Вай ғарқ мешуд. Дасту по мезад, аммо аз об баромада наметавонист.

Давлат ин ҳодисаро дида, бо тамоми овозаш дод зад:

– Ёрӣ диҳед! Ёрӣ диҳед! Карим ғарқ шуд.

Ҳама ба сӯйи овоз давиданд.

Карим дасту позанон сар аз об берун мекард. Мадораш намонда буд. Овоз баровардa наметавонист.

Алояк инро дида, худро зуд ба об партофт. Шинокунон назди Карим рафт ва аз дасташ дошта ӯро ба соҳил баровард.



Бачаҳо ба Карим ёрӣ дода, ӯро ба худ оварданд. Алоякро таъриф мекарданд.

Корнамоии Алояк зуд дар деҳ овоза шуд.



Падару модари Карим ба хонаи Давлат омада сипосгузорӣ карданд.

– Ту дар ҳақиқат қаҳрамонӣ. Акнун ту сагчаи хонадони мо низ ҳастӣ, тез-тез ба ҳавлии мо ҳам биё, – сагчаро болои даст бардошта гуфт падари Карим.

– Ба ту ҳам ташаккур, Давлатҷон, барои чунин сагчаи хушрӯяку ҷасур, – гуфт модари Карим.

– Лекин минбаъд то шиновариро хуб ёд нагиред, ба дарё надароед. Фаҳмо? – таъкид кард падари Давлат.

– Бале, падарҷон, дигар такрор намешавад, – гуфт Давлат.



**ГУЛНИСО РИЗВОНШОЕВА**

# АЛОЯК


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | Н. Салоҳиддинзода |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | З. Саъдуллоев |
| Рассом | З. Давлатшоева |
| Тарроҳон | Ф. Мирзоалиева, В. Казберович |

Муаллифи китоби мазкур ба Оҷонсии ИМА оид ба Рушди байналмилалӣ (USAID) ва Фонди Оғохон барои дастгирии молиявиашон дар нашри ин китоб миннатдории худро изҳор менамояд.
Китоби мазкур дар доираи лоиҳаи «Робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ: сохтори молиявӣ барои рушди соҳаҳои гуногун дар Тоҷикистон» ба нашр расидааст.

Ба чоп 12. 09. 2019 иҷозат дода шуд.
Андозаи 60x84 1/8. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 2, 0. Адади нашр 7900 нусха.
Супориши № 105/2019

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail. ru

Дар матбааи ҶДММ «Офсет»
ба табъ расидааст.